**ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**Д О Н И Ш К А Д А И САЙЁҲӢ, С О Ҳ И Б К О Р Ӣ В А Х И З М А Т**

Суроға: х.Борбад, 48/5, 734055, Душанбе, тел: (+992 37) 234-88-02,

---

## МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

МДТ Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи нақшаи баргузории конфронсҳо дар соли 2021 дар пояи кафедраҳои молия ва андозбандӣ ва фаъолияти бонкӣ санаи 29-уми майи соли 2021 конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявиро дар мавзӯи «Муносибатҳои молиявӣ–қарзӣ: муаммоҳо, роҳҳои рушд, дурнамо» доир менамояд. Ба конфронси мазкур намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои қарзӣ, мактабҳои олии кишвар, олимону муҳаққиқон, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, намояндагони бонкҳо ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ даъват карда мешаванд.

**Дар конфронс масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд:**

- Нақши Пешвои муаззами миллат дар таҳкими муносибатҳои молиявӣ –қарзӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ;
- Масъалаҳои молиявикунонии рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир;
- Нақши низоми молиявӣ ва бонкӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ;
- Такмили низоми андозбандӣ дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар;
- Таъмини амнияти молиявӣ ва бонкӣ дар шароити тағйирёбии вазъи бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ;
- Такмили муносибатҳои молиявӣ-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ;
- Такмили низоми омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи идоракунии молия, бонкдорӣ ва андозбандӣ;
- Такмили низоми омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи идоракунии молия, бонкдорӣ ва андозбандӣ; Фаъолияти босуботи низоми молиявӣ-бонкӣ - заминаи боэътимоди рушди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишвар;
- Мавқеи бонкҳои кишвар дар таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ;
- Суботи низоми бонкӣ ва беҳтаргардонии сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ;
- Нақши муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ дар раванди амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар;
- Нақши муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Масоили мубрами рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ин замина, олимон, муҳаққиқон ва хоҳишмандоне, ки дар кори конфронс ширкат варзидан мехоҳанд, метавонанд то 20-уми майи соли 2021 мақолаҳои худро дар ҳаҷми то 6 саҳифа ба суроғаи электронии akhurikshoh@mail.ru (Алишоев Хуршедшоҳ Ҳасратшоевич +992 908086072) ва як нусхаи чопии онро ба суроғаи 734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, кафедраи молия ва андозбандӣ ирсол намоянд.

**Забонҳои конфронс:** тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАЪРӮЗАҲО:

Ҳошия аз боло ва поёни сахифа 20 мм, аз чап 30 мм, аз рост 15 мм бошад.

Матни маъруза бояд бо таҳриргари матни MS Word for Windows. (гарнитураи Times New Roman ё Times New Roman Tj, шрифти 14) бо фосилаи 1,5 чоп карда шуда, ба таври зайл пешниҳод гардад:

- дар байни сахифа ному насаби муаллиф, дараҷаву унвони илмӣ, вазифа, ҷои кор, индекси почта, суроға, телефон навишта шавад, номи мавзуъ дар мобайни саҳифа бо ҳарфҳои калон (бо ҳарфҳои ғафс, шрифти 14) навишта шуда, матни пурраи маъруза ва руйхати адабиётҳо оварда шавад;
- иқтибосҳо дар қавсҳои квадратӣ бо нишондоди рақами тартибии адабиёт ва саҳифа (масалан: [7, с.35].) оварда шаванд, расмҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо, схемаҳо ва нақшаҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

Матни маърӯзаи иштирокчиёни конфронс, ки аз ҷиҳати мазмун мувофиқат намуда, ба талаботи дар боло зикргардида ҷавобгӯ мебошад ва **то 20-уми майи соли 2021** пешниҳод мегардад, бо тавсияи ҳайати таҳририя дар шакли маҷмуаи маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ то рӯзи баргузории конфронс нашр карда мешавад.

**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**